433832 - Ҳукми умра аз номи кӯдаке, ки пеш аз синни балоғат вафот кардааст, чист?

савол

Оё умра намудан аз номи духтарчаам, ки дар ду солагӣ вафот кардааст, ҷоиз аст?

Хулосаи ҷавоб

Умра кардан аз номи хурдсоле, ки пеш аз балоғат вафот кардааст, ҷоиз аст. Ин амал некиҳои ӯро афзун ва дараҷаи ӯро баланд мекунад.

Ҷавоби муфассал

Умра кардан аз номи шахси фавтида мутлақан ҷоиз аст, хоҳ кӯдак бошад ё калонсол.

Ибни Қудома (Аллоҳ ӯро раҳм кунад) гуфтааст:
"Аммо дар мавриди шахси фавтида, анҷом додани ҳаҷҷу умра аз номи ӯ бидуни иҷозат ҷоиз аст, хоҳ он фариза бошад ва хоҳ нофила. Зеро паёмбар (дуруду паёми Аллоҳ бар ӯ бод) амр намудааст, ки аз номи шахси фавтида ҳаҷ анҷом дода шавад ва маълум аст, ки аз ӯ иҷозат гирифта намешавад. Ва ҳар чизе, ки анҷоми фарзаш ҷоиз бошад, анҷоми нафлаш низ ҷоиз аст, монанди садақа". Поёни сухан аз китоби "Ал-Муғнӣ" (3/227).

Анҷоми ҳаҷ ва умра аз ҷониби кӯдак саҳеҳ шуморида шуда, ӯ барои анҷоми ҳардуи ин амалҳо савоб мегирад. Чунон ки Муслим (1336) аз Ибни Аббос (Аллоҳ аз ҳар дуи онҳо хушнуд бод) ривоят кардааст, ки ӯ мегӯяд: Зане кӯдакеро бардошта, гуфт: "Эй расулуллоҳ, оё барои ин кӯдак ҳаҷ ҳисобида мешавад?" Паёмбар (дуруду паёми Аллоҳ бар ӯ бод) фармуд: **«Бале ва ту низ савоб мегирӣ».**

Дар китоби "Шарҳу мунтаҳа-л-иродот" (1/513) омадааст:
Ҳаҷ ва умра аз ҷониби кӯдак — хоҳ писар бошад ва хоҳ духтар — саҳеҳ мебошад, ҳатто агар ӯ навзод бошад ва ҳамагӣ лаҳзае пеш ба дунё омада бошад; зеро дар ҳадиси Ибни Аббос

омадааст, ки зане кӯдакеро бардошта, гуфт: Эй расулуллоҳ, оё барои ин кӯдак ҳаҷ ҳисобида мешавад? Паёмбар (дуруду паёми Аллоҳ бар ӯ бод) фармуд: **«Бале ва ту низ савоб мегирӣ».** Поёни сухан.

Шайхулислом Ибни Таймия (Аллоҳ ӯро раҳм кунад) гуфтааст:
"Ҷумҳури уламо бар ин назаранд, ки савоби ибодати кӯдак ба худи ӯ тааллуқ дорад". Поёни сухан аз "Ал-Фатово-л-кубро" (5/318).

Модоме ки анҷоми ҳаҷ ва умра аз ҷониби кӯдак саҳеҳ шуморида шуда, ӯ барои ин амалҳо савоб мегирад, пас маълум мешавад, ки анҷом додани ин амалҳо аз номи ӯ низ ҷоиз мебошад ва ин боиси афзоиши савоби ӯ мегардад. Маълум аст, ки кӯдак мукаллаф нест: барои ӯ некиҳо сабт мешаванд ва гуноҳон бар ӯ навишта намешаванд.

Ҳамчунин, ҳар касе умраро аз номи шахси дигаре ба ҷо оварад, савоб меёбад, чунонки дар ҷавоби саволи рақами (174707) баён гардидааст.

Аллоҳ донотар аст.